*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КАО-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ.(734042, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10А)*

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи Идоракунии давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои шурои диссертатсионии 6D.КАО-015 БОБОЕВ Олимҷон**

**ба кори диссертатсионии Баротов Ҳамзахон Авазович ва автореферати он дар мавзӯи "Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ" (дар маводи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 - Иқтисодиёти нақлиёт), пешниҳод карда шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии КОА**

Таҳқиқоти диссетатсионӣ дар доираи бандҳои зерини шиносномаи тахассуси илмии ***08.00.04-Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04- Иқтисодиёти нақлиёт)*** иҷро карда шудааст:1.Равишҳои назариявӣ ва усулии таҳияи методҳо, механизмҳо ва афзорҳои нави амалкарди иқтисодиёт ва мутобиқшавӣ ба методҳо, механизмҳо ав афзори мавҷудаи амалкарди иқтисодиёт, ташкил ва идоркунии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи нақлиёт; 5.Омилҳои таъсиррасон ба ҷойгирнамоӣ ва самаранокии кори муассисаҳои соҳаи нақлиёт; 11. Арзёбӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои нақлиётии иқтисодиёт ва аҳолии кишвар; 16. Пешгӯӣ ва банақшагирии стратегии борkашонӣ ва мусофирбарӣ; 24. Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини рақобатпазирии хизматрасонии нақлиётӣ ташкилот ва муассисаҳо дар соҳаи нақлиёт; 29.Стратегияи мутобиқшавии муассисаҳо ва дигар ташкилоти хоҷагидории нақлиётӣ ба шароити рақобати муҳити бозорӣ; 33.Самаранокии ташкилию иқтисодии ва сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ; 36.Механизмҳои ташкилию иқтисодии таъмини рушди инноватсионии соҳаи нақлиёт; 38. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи афзорҳои бозорӣ дар соҳаи нақлиёт.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот**

Дар марҳилаи муосири инкишофи соҳаи нақлиёти ҷаҳонӣ, чун дигар ҳама соҳаҳо, тадбирҳои "рақамикунонӣ" ва гузариш ба технологияҳои иттилоотӣ

фаъолона, ҳам дар сатҳи минтақа, ҳам дар сатҳи давлат, татбиқ шуда истодаанд. Масъалаҳои вобаста ба рушди системаҳои нақлиётӣ, дар сатҳҳои гуногун муҳокима мешуданд. Масалан, ҳануз дар соли 2010 аз ҷониби Ҷумҳурии халқии Хитой пешниҳод дар бораи лоиҳаҳои мутаҳидаи "Тасмаи иқтисодии роҳи абрешим" пешниҳод шуда буд.

Ба масъалаи сохтмони системаи нақлиётии ҳушманди рақамӣ асарҳои зиёди олимон ва коркунони соҳа ба чоп расонида шудаанд. Вале таҳқиқи корҳои илмии мавҷуда нишон медиҳад, ки дар онҳо диққати лозимӣ ба масъалаҳои зерин кам дода шудаанд: вуҷуд надоштани системаи принсипҳои ташкил ва идоракунии системаҳои нақлиётии рақамии ҳушманд дар кишвар; дастурҳои методологии истифодабарии системаҳои нақлиётии ҳушманд дар мавриди ташаккули фазои ягонаи нақлиётӣ таҳия карда нашудаанд; дурнамои самтҳои асосии рушди инфрасохтори системаҳои нақлиётии ҳушманд ва рақамӣ барои ташаккули системаи ягонаи нақлиётии кишвар муайян гарда нашудаанд; нигоҳи консептуалии ба идоракунии системаҳои нақлиётии рақамии ҳушманд ташаккул наёфтаанд.

Аз ин хотир, мубрамияти кори диссертатсионии Баротов Ҳ.А. бо он тасдиқ карда мешавад, ки дар давраи муосир корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ нисбати гузариш ба табдилдиҳии рақамии соҳаи нақлиёт амалӣ гардида истодаанд, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои нақлиётии кишвар, ҳам дар самти дохилӣ ва ҳам дар самти берун аз кишвар метавонанд мусоидат кунанд.

## Дараҷаи асоснокии дарёфтҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ба даст оварда шудаанд

Кори диссертатсионии Баротов Ҳ.А. барои рушди соҳа саҳми калони илмӣ дорад, ки дар заминаи алгоритмҳои таҳиякардаи муаллиф марҳила ба марҳила сохтани инфрасохтори системаҳои нақлиётии ҳушманд (платформаи рақамии он) дар нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳрӣ асоснок карда шудаанд.

Дарёфтҳои калидии илмӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳои кори диссертатсионии Баротов Ҳ.А. асосноканд, зеро онҳо дар натиҷаи таҳлили теъдоди зиёди сарчашмаҳои илмӣ ва амалӣ; омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва маълумотҳои расмии омории кишвар ва ш.Душанбе ба даст омадаанд.

Натиҷаи таҳқиқоти дар диссертатсия овардашуда нишон медиҳанд, ки муаллифи он Баротов Ҳ.А. ҳамчун таҳқиқотчии босалоҳият ва олими ҷавон метавонад роҳҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарро дар шароити иқтисодиёти рақамӣ пешниҳод ва ҳал намояд.

**Сохтор ва мундариҷи таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Бояд гуфт, ки таҳқиқотҳои диссертатсионӣ хеле хуб сохторбандӣ гардида, мутобиқ ба талаботҳои амалкунанда ба расмият даровардa шудааст, матни диссертатсия хеле равон иншо гардида, ҳадаф ва вазифаҳои он дақиқ ва саҳеҳ гузошта шуда, объект ва предмет, навгонии илмӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии он дуруст муайян карда шудаанд.

Дар боби 1 "Асосҳои назариявию методии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароит иқтисодиёти рақамӣ" (С.17-60) масъалаҳои рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (С.17-30) баррасӣ гардида, асосҳои методии баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (С.31-45) муайян карда шуданд, ҳамзамон, хусусиятҳо ва муамоҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор дода шуданд.

Дар ин боб муаллиф дар заминаи таҳлили адабиётҳои илмии зиёд категорияи иқтисодӣ будани рақобатро собит намуда, рақамикунонӣ марҳилаи нави такмили рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ мебошад. (С.30-31). Муаллиф муҳити рақобатии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарро таҳлил намуда, раванди ташаккул ва рушди афзалиятҳои рақобатии ин корхонаҳоро дуруст муайян намудааст (С.47-48).

Гуфта шудааст, ки "Рақамикунонӣ имконият медиҳад, равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунӣ самарноктар гарданд, дастрасӣ ба маълумотҳо афзоиш ёбад ва хитзматрсониҳои босифат ва мутобиқ ба ниёзҳои бозор пешниҳод карда шванд" (С.58).

Дар боби 2 "Ҳолати муосир ва таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон" (С.61-92) вазъият ва рушди корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд мавриди таҳлил қарор гирифта (С.61-75), омилҳои муайянкунандаи рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд муайян карда шуда (С.76-92), моделҳои иқтисодию риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтсодиёти рақамӣ (С.93-115) тартиб дода шуданд.

Таҳлилҳои гузаронидаи муаллиф собит намуданд, ки нишондиҳандаҳои молиявии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбари вилояти Суғд барои моделсозии иқтисодию риёзӣ мувофиқи мақсад буда, дар маҷмӯъ вазъи рақобатпазирии соҳа бо назардошти маълумотҳои корхонаҳои интихобгардида дар сатҳи паст қарор доранд (С.112). Дақиқан, нишондиҳандаҳои молиявии

корхонаҳои нақлиёти автомобилии ба интиқоли мусофирон машғул буда, ки ҳамчун омили молиявии таъсиркунанда ба фаъолияти корхонаҳои мазкур ба шумор меравад, дар маҷмӯъ рақобатпазирии сатҳи миёнаро касб намуда, дар ин самт тақозои баланд бардоштани вазъи молиявии корхонаҳо иҷро карда мешаванд (С.82).

Ҳамин тавр, дар асоси моделҳои иқтисодию риёзии дар диссертатсия таҳияёфта, нишондиҳандаҳо барои то соли 2030 пешгӯйӣ карда шуданд, ки арзиши илмӣ ва амалии хеле калон доранд.

Дар боби 3 "Самтҳои асосии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд дар шароити иқтисоди рақамӣ" (С.116-156) ташаккули механизми таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ баррасӣ гардида (С.116-127), механизми муносиби таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ интихоб ва асоснок карда шудаанд (С.128-139), ҳамзамон, самтҳои афзалиятноки таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар вилояти Суғд пешниҳод карда шуданд (С.140-156).

Дар ин боб хулоса шудааст, ки новобаста ба камбудиву норасоиҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқи таркиби механизмҳои дар ин боб овардашуда, муаллиф хулоса кардааст, ки татбиқи оқилонаи онҳо дар фаъолияти корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар манфиатнок буда, дар маҷмӯъ ба чунин натиҷаҳо оварда мерасонад: баланд гардидани сифати хизматрасонӣ; коҳиш ёфтани хароҷот; сармоягузорӣ ба таҷдиди парки нақлиётӣ автомобилӣ; идора намудани нуфузи корхона; ҷалби срамояи давлатӣ ва грантҳо ва афзоиши ҳиссаи бозор (С.154).

Дар ин боб судманд будани ба аутсорсинг додани баъзе аз хизматрасониҳои вобаста ба нақлиёти мусофирбари автомобилӣ, аз қабили: хизматрасониҳои вобаста ба ҳисобдорӣ, таъмини барномавӣ, логистика, муносибатҳои рекламавӣ, инчунин хизматрасонии дастгирии мизоҷони корхона, собит карда шудаанд.

Ҳамчунин, муаллиф асоснок намудааст, ки барои соҳаи нақлиёти автомобилии мусофирбар, аз қабили автобусҳо, микроавтобусҳо, тролейбусҳо, таксӣ ва дигар хизматрасониҳо корбарӣ аз низомҳои ҶПС ва Голонасс метавонад дар ҳамаи марҳилаҳо самаранокӣ, бехатарӣ ва сатҳи хизматрасониро ба таври назаррас баланд бардорад. Бахусус, дар самтҳои идоракунӣ, мониторинг, барномасозӣ, таҳияи ҷадвалҳо ва реҷаҳои хатсайрҳо, ҳифзи таъмини бехатарӣ, идоракунии кадрҳо, пешгирии сарфи ғайримақсадноки сӯзишворӣ, назорати техникии нақлиёт тавассути воситаҳои хабардиҳандаи хушманд, баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ, таҳлил ва рушди стратегияи пешрафт ва

ғайра истифода шудани низоми пешниҳоднамудаи муаллиф ба мақсад мувофиқ аст.

Дар қисми хотимавии диссертатсия хулосаву пешниҳодҳои асосноккардаи муаллиф оварда шудаанд.

## Дараҷаи эътимоднокӣ ва навгониҳои диссерттсия

Бо далелҳои методологии рисолаҳои назариявии самти кори диссертатсия, таҳлили интиқодии адабиёти махсус оид ба масъалаҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар, истифодаи усулҳои муосири тадқиқот, инчунин санҷиши натиҷаҳои тадқиқот дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва нашр намудан дар маҷаллаҳои илмии пешқадам таъмин карда шудааст.

Навгониҳои ба даст омада иборатанд аз:

-тарифи муаллифии рақобатпазирии КНАМ, хусусиятҳо ва муамоҳои таъмини он дар шароити иқтисодиёти рақамӣ;

-баҳодиҳии рақобатпазирии КНАМ бо назардошти нишондиҳандаҳои вазъи молиявии корхона, самаранокии фаъолияти корхона, фаъолнокии корӣ, ҳолати илмию техникӣ, нишондиҳандаҳои меҳнатӣ ва дар ин замина ошкор кардани омилҳои муайянкунандаи рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд;

-модели иқтисодию риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд дар шароити иқтисодиёти рақамӣ;

-механизм ва самтҳои афзалиятноки таъмини рақобатпазирии КНАМ дар вилояти Суғд дар шароити иқтисодиёти рақамӣ.

## Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия

Доир ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ 18 мақола (дар ҳаҷми 7,2 ҷузъи чопӣ), аз инҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

## Эродҳо оиди кори диссертатсионӣ

1.Таҳқиқот дар шароити иқтисодиёти рақамӣ гузаронида шудааст, вале дар асл алҳол чунин иқтисодиёт вуҷуд надорад. Беҳтар мебуд агар таҳқиқоти муаллиф дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ сурат мегирифт.

2.Мавзӯи (предмети) таҳқиқот - муносибати иқтисодию ташкилие, ки дар раванди таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии

мусофибар ба вуҷуд меоянд. Ба мати мазкур пас аз "мусофирбар" иловаи зайл ворид карда шавад: "дар раванди гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ".

3.Дар формулаи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ибораҳои "дар шароити иқтисодиёти рақамӣ" дар таҳрири зайл навишта шаванд: "дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ".

4.Мусофирбарии дохилишаҳрӣ ва наздишаҳрӣ ба бозори монопсонӣ тааллуқ мегиранд, аз ин хотир, онҳо бозори инҳисороти табиӣ истеъмолгар буда, нақши давлат дар он ҳалкунанда мебошад (муқарраркунии тарифи мусофирбарӣ, танзими давлатии он, ҷуброни хароҷоти барзиёди мусофирбарӣ ба операторон; ҳамин гуна ҳолат дар мусофирбарӣ тавассути нақлиёти роҳи оҳан ҷой доранд, ки дар он як қисми хароҷоти мусофирбарӣ ба хароҷотҳои боркашонӣ гузаронида мешаванд).

5.Ҳарчанд мавзӯи боби 2- и диссертатсия ба таҳлили ҳолати муосири мусофирбарӣ дар вилояти Суғд бахшида шудаанд, вале дар ҷадвалҳои 2.1, 2.2 ва 2.3, инчунин расмҳои 10,11, ва 13 маълумотҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ оварда шудаанд, ки бевосита ба мавзӯи парграфи таҳқиқшаванда дахл надоранд.

6.Дар мавриди муайян кардани омилҳои муайянкунандаи рақобатпазирӣ ва бамоделдарории онҳо аз усули таҳлили экспертӣ истифода шудааст, ки ба натиҷаи арзёбӣ компоненти субъективӣ ворид намудааст. Дар ин ҷо 10 нафар (с.85) эксперт истифода шудааст, ки ин теъдоди мумайизон (экспертҳо) бе ягон ҳисобу китоби теъдоди зарурии онҳо ва сатҳи касбии онҳо қабул карда шуданд. Маълумот дар бораи экспертҳо дар матни диссертатсия оварда нашудаанд.

7.Нисбати маълумотҳои ҷадвалҳои 2.30 ва 2.31 тафсири дурусти натиҷаи таъсири омилҳои интихобшуда пешниҳод карда нашудааст. Ҷадвали 2.30 мазмуни воқеӣ надорад. Аз маълумотҳои ҷадвали 2.31 бар меояд, ки зиёдшавии миқдори воситаҳои нақлиёт таъсири манфӣ ба рақобат доранд. Ҳамаи омилҳои дар ҷадвали 2.30 овардашуда бо ҳам вобастагиҳои қариб функсионалӣ доранд (коэффисиенти коррелятсияашон наздик ба як аст ),якҷоя ворид кардани онҳо ба модели регрессия мувофиқи тартиби истифодаи ин усул нест.

8.Дар илмҳои иқтисодӣ хулосаи кор дар ҳар як боби алоҳидаи диссертатсия оварда нашуда, якбора дар охири он, баъд аз боби сеюм. ҷойгир карда мешавад.

9. Тартиби ба расмият даровардани расмҳо риоя нашудаанд.

Бояд гуфт, ки эродҳои овардашуда ба баҳои мусбати умумии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса дар бораи мувофиқат намудани диссертатсия ба меъёрҳои Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаи илмӣ**

Таҳқиқотҳои диссертатсионии Баротов Ҳамзахон Авазович "Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ" кори мустақил ва тамомшудаи илмӣ буда, ҳалли масъалаҳои нави вобаста ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дар бар гирифта, як қатор пешниҳодҳои асосноки илмиро дар бар гирифта, нақши калон дар ҳалли масъалаҳои илмӣ-амалии дар марҳилаи имрӯза ва тарҳрезии рушди ояндаи тамоми системаи нақлиётӣ, махсусан, дар ташаккули системаи ягонаи мусофирбарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим мебозад.

Диссертатсия ба меъёрҳои гузоштаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он Баротов Ҳамзахон Авазович барои мушарф гардонидан бо унвони илмии номзади илми иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 - Иқтисодиёти нақлиёт) пешниҳод карда шавад

**Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики Академияи байналмилалии нақлиёт, корманди шоистаи Тоҷикистон** **Олимҷон БОБОЕВ**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир 33,
тел. +992 (37) 224-17-86, +992 80 5555552
E-mail: boboev52@mail.ru

*Имзои Бобоев Олимҷонро тасдиқ мекунам,*

**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** 23.01.2026. **Насрудинзода А. Н.**

*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а, www.ttu.tj)*

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

номзади илмҳои иқтисодӣ, Мирзоева Нисобегим Шоназаршоевна ба диссертатсияи Баротов Ҳамзахон Авазович дар мавзуи «Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар маводҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) пешниҳод гардидааст.

## 1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.

Диссертатсияи Баротов Ҳамзахон Авазович аз рӯйи мазмун, ҳадаф, вазифаҳо, объекти таҳқиқ ва натиҷаҳои илмӣ ба талаботи шиносномаи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) пурра мутобиқат менамояд. Таҳқиқоти диссертсионӣ дар доираи бандҳои зерини шиносномаи тахассуси илмии 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) иҷро карда шудааст: б.1. Равишҳои назариявӣ ва усулии таҳияи методҳо, механизмҳо ва афзорҳои нави амалкарди иқтисодиёт ва мутобиқшавӣ ба методҳо, механизмҳо ва афзорҳои мавҷудбудаи амалкарди иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи нақлиёт; б.5.Омилҳои таъсиррасон ба ҷойгирнамоӣ ва самаранокии кори муассисаҳои соҳаи нақлиёт; б. 11. Арзёбӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои нақлиётии иқтисодиёт ва аҳолии кишвар; б. 16. Пешгӯӣ ва банақшагирии стратегии боркашонӣ ва мусофирбарӣ; б. 24. Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини рақобатпазирии хизматрасонии нақлиётӣ, ташкилот ва муассисаҳо дар соҳаи нақлиёт: б. 29. Стратегияи мутобиқшавии муассисаҳо ва дигар ташкилоти хоҷагидории нақлиётӣ ба шароити рақобатии муҳити бозорӣ; б. 33. Самаранокии ташкилию иқтисодӣ ва сифати хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт. б. 34. Механизми баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ; б. 36. Механизмҳои ташкилию иқтисодии таъмини рушди инноватсионии соҳаи нақлиёт; б. 38. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи афзорҳои бозорӣ дар соҳаи нақлиёт.

Мавзуи таҳқиқ ба масъалаҳои муҳими иқтисодиёти нақлиёт, аз ҷумла таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар, такмили механизмҳои иқтисодию ташкилии идоракунӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо

равона гардидааст. Муаллиф фаъолияти корхонаҳои нақлиёти мусофирбарро дар шароити рақамисозии иқтисодиёт ба таври ҳамаҷониба таҳлил намуда, омилҳои асосии таъсиррасон ба рақобатпазирӣ – сатҳи хизматрасонӣ, самаранокии идоракунӣ, истифодаи платформаҳои рақамӣ ва технологияҳои иттилоотиро аз нигоҳи илмӣ асоснок кардааст. Истифодаи усулҳои таҳлили иқтисодию оморӣ, муқоисавӣ, системавӣ ва моделсозии иқтисодӣ ба стандартҳои методологии ихтисоси мазкур ҷавобгӯ буда, диссертатсия аз лиҳози илмӣ ва амалӣ дорои арзиши баланд мебошад.

## 2. Мубрамии мавзуи тадқиқот.

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти рақамӣ масъалаи таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар хусусияти стратегӣ касб намудааст. Шадид гардидани рақобат, тағйирёбии рафтори истеъмолкунандагон ва рушди босуръати технологияҳои рақамӣ зарурати таҷдиди моделҳои фаъолияти соҳибкориро дар соҳаи нақлиёт ба миён мегузорад. Мавзуи таҳқиқ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ аҳамияти махсус дошта, робитаи мутақобилаи рақобат, навоварӣ, рақамисозӣ ва идоракунии самараноки захираҳоро дар соҳаи нақлиёти мусофирбар фаро мегирад. Чуноне, ки маълум аст иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун василаи муосир барои баланд бардоштани шаффофият, коҳиши хароҷот, беҳтар намудани идоракунӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Ба ақидаи муаллиф таҳлили адабиёти илмии муосир нишон медиҳад, ки то ҳол равиши ягонаи методологӣ оид ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити рақамисозӣ пурра ташаккул наёфтааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи мазкур дорои мубрамияти баланди илмӣ буда, ба ҳалли масъалаҳои амалии рушди соҳа равона шудааст.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Навоварии асосии диссертатсия дар таҳияи механизми мукаммали таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои муҳими илмии бадастомада чунинанд:

✓ дар асоси омӯзиши саҳми олимони ватанию хориҷӣ оид ба ташаккули аломатҳои рақобатпазирии соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ дар шароити рақамикунонӣ (ҷадвали 1.4) таърифи муаллифии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар (саҳ) ва иқтисодиёти рақамӣ пешниҳод гардида, тавсиф ва хусусиятҳои асосии равишҳои ҷойдошта доир ба назарияи рақобат ва рақобатпазирӣ (ҷадвали 1.1), тавсифи назарияи рақобат аз нигоҳи мактабҳои иқтисодӣ (ҷадвали 1.2) ва ҷузъҳои ба ҳам алоқаманди рақобатпазирӣ (раси 3) ба низом дароварда шуданд;

✓ Хусусиятҳо (ҷадвали 1.6), платформаҳои рақамӣ (саҳифаи 53,55) ва муаммоҳои (ҷадвали 1.7) таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ошкор карда шуданд. Таснифи усулҳои баҳодиҳии рақобатпазирӣ (расми 5), гурӯҳбандии усулҳои баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар аз рӯи нишонаҳо (расми 6), таснифи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии

рақобатпазирӣ мутобиқи стратегияи мавқеъгирӣ ва стратегияи устувории молиявӣ (расми 7 ва ҷадвали 1. 5), муҳити ракобатии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ва раванди ташаккул ва рушди афзалиятҳои рақобатии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар (расмҳои 8 ва 9) амалӣ гардонида шудааст;

✓ Дар асоси таҳқиқи вазъи кунунии нақлиёти автомобилии мусофирбар арзёбии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар бо назардошти вазъи молиявии корхона, самаранокии фаъолияти корхона, фаъолнокии корӣ, ҳолати илмию техникӣ ва нишондиҳандаҳои меҳнатӣ, амалӣ карда шудааст (ҷадвалҳои 2.1, 2.2, 2.3, 2.4, 2.5, 2.6, 2.7, 2,8 2.13,). Ҳамзамон, омилҳои муайянкунандаи рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд ошкор карда шуда, исбот гардидааст, ки корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар зери таъсири омилҳои берунӣ (омилҳои ниҳодӣ, технологӣ, табиӣ) ва омилҳои дохилӣ (гурӯҳи омилҳои техникӣ, ташкилию ҳуқуқӣ, маркетингӣ, инсонӣ, инноватсионӣ), фаъолияти пурсамар мекунанд (расмҳои 19 ва 20). Муайян карда шудааст, ки яке аз омилҳои калидии дохилии таъсиркунанда ба рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ин ҳолати молиявии онҳо ва мавқеи бозории онҳо (маркетинг) ба ҳисоб мераванд, ки бо истифода аз модели Эдвард Алтман (саҳифаҳои 79 ва 80 инчунин ҷадвали 2.16 ва 2.17) мавқеи молиявӣ ва бо истифода аз индекси Хирфандали Хиршман (ҷадвалҳои 2.18, 2.19, 2.20) мавқеи консентратсияи бозории корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарро арзёбӣ гардидааст. Бо мақсади муйян намудани дараҷаи таъсиррасонии омилҳо тавассути усули PESTLE – таҳлил гурӯҳбандӣ карда шуда, ин омилҳо ба 6 гурӯҳ (ҷадвали 2.21 ) аз ҷумлаи омилҳои сиёсӣ (Political), иқтисодӣ (Economic), иҷтимоӣ (Social), технологӣ (Technological), ҳуқуқӣ (Legal) ва экологӣ (Ecological) ҷудо карда шуданд;

✓ Модели иқтисодию риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд дар шароити иқтисодиёти рақамӣ таҳия ва татбиқ карда шудааст. Дар асоси моделҳои иқтисодию риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар пешгӯии нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаҳо барои давраи то соли 2030 амалӣ гардонда шудааст (ҷадвалҳои 2.29 то 2.46);

✓ Механизмҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ таҳия карда шуда (расми 32, 33, 34), натиҷаи татбиқи механизмҳои зикршуда баён гардида (ҷадвали 3.1), афзалият ва норасоиҳои механизмҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар муайян карда шуданд (ҷадвали 3.2). Интихоби механизми муносиби таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ амалӣ карда шудааст. Алгоритми интихоби механизми оптималии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар бо усули иерархӣ коркард шуда, критерияҳои интихоби механизми оптималии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар муайян карда шуда, меъёрҳои баҳодиҳии ракобатпазири нақлиёти мусофирбар бо усули Томас Саати, таҳия

гардидаанд (чадвалҳои 3.3, 3.4, 3.5, 3.6, 3,11,). Натиҷаи таҳлили гузаронидашуда оид ба интихоби алтернативӣ мувофиқи таъминоти рақабатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар гувоҳи аз он медиҳад, ки миёни механизмҳои алтернативии пешниҳодшуда, механизми рушди инноватсионӣ тибқи арзёбии респондентҳо бо назардошти ҳамаи маҳакҳои таҳқиқшуда бо нишондоди 33 % мавқеъи афзалиятнокро ишғол намуд (расми 38);

✓ Самтҳои афзалиятноки таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар вилояти Суғд асоснок карда шудааст (саҳ. 14 ва 141). Унсурҳои таркибии инноватсия ва самаранокии онҳо арзёбӣ гардида (чадвалҳои 3.12, 3.13 ва 3.15 ), бо мақсади муносибгардонии фаъолияти корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар, яъне беҳтар намудани идоракунии воситаҳои нақлиёт, беҳтар кардани хатсайрҳо, кам кардани хароҷот ва беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ истифодаи низомҳои навигатсионии минтақавӣ ва байналмилалӣ тавсия дода мешавад (чадвали 3.16). Ҳамзамон барои фаъолияти пурсамари нақлиёти автомобилии мусофирбар истифода бурдани аутсорсинг (чадвали 3.14) ва низоми GPS ва ГЛОНАСС ба максад мувофиқ мебошад (расми 40). Алгоритми татбиқи инноватсия дар фаъолияти корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ва марҳилаҳои зарурии он таҳия карда шуданд (расми 41).

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда доир ба мавзӯи мазкур инҳоянд:

✓ таърифи муаллифии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар, хусусиятҳо ва муаммоҳои таъмини он дар шароити иқтисодиёти рақамӣ;

✓ баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар бо назардошти нишондиҳандаҳои вазъи молиявии корхона, самаранокии фаъолияти корхона, фаъолнокии корӣ, ҳолати илмию техникӣ, нишондиҳандаҳои меҳнатӣ ва дар ин замина ошкор кардани омилҳои муайянкунандаи рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд бо назардошти муйян намудани дараҷаи таъсиррасонии омилҳо тавассути усули PESTLE – таҳлил гурӯҳбандӣ намудани онҳо;

✓ Модели иқтисодию риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд дар шароити иқтисодиёти рақамӣ;

✓ Механизм ва самтҳои афзалиятноки таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар вилояти Суғд дар шароити иқтисодиёти рақамӣ;

### 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта дар заминаи таҳияи мукаммали назариявӣ, омӯзиши амиқ ва таҳлили интиқодии адабиёти илмии тахассусӣ оид ба масъалаҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар таъмин

гардидааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқот маҷмӯи васеи усулҳои муосири илмиро истифода бурдааст, ки ба онҳо усулҳои таҳлили иқтисодию оморӣ, муқоисавӣ, системавӣ, таҳлили омилӣ ва моделсозии иқтисодӣ дохил мешаванд. Истифодаи ин усулҳо имкон фароҳам овардааст, ки равандҳо, қонуниятҳо ва тамоюлҳои асосии рушди рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ бо сатҳи баланди дақиқӣ ва эътимоднокӣ арзёбӣ карда шаванд.

Саҳеҳият ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада инчунин тавассути санҷиш ва муҳокимаи онҳо дар конфронсҳои илмию амалӣ, ҳамчунин бо нашри мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва нашриёҳои пешқадами илмӣ тасдиқ гардидааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар корҳои илмии муаллиф инъикос ёфта, дар нашриёҳои дахлдори илмӣ ба табъ расидаанд.

Диссертатсия ва интишороти илмии муаллиф мутобиқ ба талаботи амалкунандаи таҳияи корҳои илмӣ омода гардида, меъёрҳои ахлоқи илмӣ ва қоидаҳои иқтибосоварӣ пурра риоя шудаанд. Ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо риояи талаботи меъёрӣ ва стандартҳои муқарраршуда нишон дода шудаанд.

Автореферати диссертатсия мухтавои асосии таҳқиқот, хулосаҳо ва натиҷаҳои илмиро ба таври мухтасар, возеҳ ва мантиқӣ инъикос намуда, моҳияти таҳқиқоти диссертатсиониро пурра бозгӯ мекунад. Эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда, инчунин бо дақиқии маълумоти ибтидоӣ, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳо ва интишори онҳо дар муҳити илмӣ таъмин гардидааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шуда, дорои хусусияти амалӣ буда, имкони татбиқи онҳоро дар фаъолияти корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ва дар равандҳои қабули қарорҳои идоракунӣ фароҳам меоранд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.**

Диссертатсияи Баротов Ҳамзахон Авазович бо риояи талаботи муосири таҳияи корҳои илмии тахассусӣ таҳия гардида, дорои сохтори мантиқӣ, пайдарпай ва муназзам мебошад. Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боби ба ҳам вобаста, хулоса ва пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ, рӯйхати мукаммали адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, таркиб ва пайдарпаии қисматҳо имкон медиҳанд, ки масъалаҳои гузошташуда дар доираи таҳқиқот ба таври низомманд ва ҳамаҷониба баррасӣ ва ҳал карда шаванд.

**А)** Дар муқаддимаи диссертатсия аҳамият ва дараҷаи таҳияи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи он, фарзияи илмӣ, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаи иттилоотӣ, сатҳи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, роҳҳои тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот, ҳамчунин интишороти илмӣ ва сохтори кори диссертатсионӣ ба таври муфассал ва далелнок асоснок карда шудаанд. Дар баробари ин, дар диссертатсия бо такя ба муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки ҳамчун яке аз ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ ва тақдирсози кишвар эътироф гардидааст, нақши калидии рушди инфрасохтори нақлиётӣ таъкид мегардад. Дар ин ҳуҷҷат зикр

шудааст, ки рушди сохтмони роҳҳо, пулҳо, нақбҳо, иншооти хизматрасонии наздироҳӣ ва дигар объектҳои муҳандисӣ на танҳо ба рафъи бунбасти коммуникатсионӣ мусоидат менамояд, балки Тоҷикистонро ба кишвари дорои иқтидори транзитӣ табдил дода, заминаи мусоид барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди устувори таъминоти нақлиётии мамлакат фароҳам меорад. Ҳамзамон, дар диссертатсия аҳамияти баланд бардоштани самаранокии фаъолияти нақлиёти автомобилии мусофирбар ва инфрасохтори он ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати рушди иқтисодӣ асоснок карда шуда, масъалаҳои таъмини дастрасии хизматрасониҳои нақлиётӣ барои шахсони дорои маъюбият, коҳиш додани таъсири манфии комплекси нақлиётӣ ба муҳити зист ва ҳифзи саломатии аҳолӣ ҳамчун вазифаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ гардидаанд.

**Б)** Дар боби якум муаллиф масъалаҳои асосҳои назариявӣ ва методии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамиро таҳқиқ намуда, аз ҷумла, моҳият ва мазмуни рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар, асосҳои методии баҳодиҳии сатҳи он, инчунин хусусиятҳо ва муаммоҳои таъмини рақобатпазирӣ дар шароити рақамисозии иқтисод ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ба ақидаи муаллиф дар адабиёти иқтисодӣ рақобат ҳамчун яке аз категорияҳои муҳими иқтисодӣ маънидод шуда, ҳангоми омӯзиш ва баҳодиҳии моҳияти он таъриф ва равишҳои гуногуни илмӣ пешниҳод мегарданд. Ба ибораи дигар, дар ҷараёни ташаккул ва инкишофи афкори иқтисодӣ мазмун ва мафҳуми «рақобат» вобаста ба шароити таърихӣ ва сатҳи рушди иқтисодӣ гуногун инъикос ёфтааст. Дар ин замина, мавҷудияти мактабҳои гуногуни иқтисодӣ, аз қабили мактабҳои амрикоӣ, англисӣ, скандинавӣ, шӯравӣ ва муосир, шаҳодат медиҳад, ки назарияи рақобат бо мурури замон такмил ёфта, мазмуни иқтисодии он тадриҷан ғанӣ ва амиқ гардидааст.

**В)** Дар боби дуюм ҳолати кунунӣ ва ҷанбаҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудаанд. Дар доираи боби дахлдор таҳлили вазъият ва тамоюлҳои рушди корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар, муайян намудани омилҳои асосии таъсиррасон ба сатҳи рақобатпазирии онҳо, инчунин моделсозии иқтисодию риёзии равандҳои таъмини рақобатпазирӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ амалӣ гардидааст.

**Г)** Дар боби сеюм самтҳои асосии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ба таври низомнок ва илмӣ асоснок инъикос ёфтаанд. Дар доираи таҳқиқот ташаккули механизмҳои муассири таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар, интихоби механизми оптималӣ мутобиқ ба шароити минтақавӣ ва иқтисодию бозорӣ, инчунин муайян намудани самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои мазкур дар вилояти Суғд амалӣ гардидааст.

## 6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия

Нуқтаи мазкур аз таҳияи муқаррароти асосии назариявии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар, аз ҷумла аз нуқтаи назари дастгоҳи категориявӣ-консептуалии назарияи сохторӣ, муайян намудан ва таҳлили омилҳои рақобатпазирӣ ва такмили воситаҳои илмию методии баҳодиҳии нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ, инчунин механизм ва методологияи таъмини рақобатпазирии нақлиёти автомобилии мусофирбар иборат аст. Маҳз натиҷаҳои алоҳидаи илмӣ - амалии таҳқиқотро дар мактабҳои олӣ дар ҷараёни таълими фанҳои “Маркетинг”, “Идоракунии маркетингӣ”, “Тадқиқоти маркетингӣ”, “Иқтисодиёти корхона”, “Иқтисодиёти инноватсионӣ”, “Маркетинги рақамӣ”, “Идоракунии рақобатпазирии корхона”, “Иқтисодиёти соҳаи нақлиёт”, “Таҳлили иқтисодӣ” ва логистика инчунин дар ташкил ва гузаронидани курсҳои махсуси таълимӣ истифода бурдан мумкин аст. Аҳамияти амалии тадқиқот дар истифодаи амалии усули тағирёфтаи баҳодиҳии рақобатпазирӣ, ки дар рисола таҳия шудааст ва тавсияҳои методологии пешниҳодшуда оид ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити муосири иқтисодӣ мебошад. Бахусус дар баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар аз ҷониби Вазорати нақлиёт ва зерсохторҳои он инчунин Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд истифода мегардад. Муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар рафти тадқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, барои татбиқ дар фаъолияти амалии МД «Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ» дар вилояти Суғд қабул карда шудаанд.

## 7. Нашри натиҷаҳои тадқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.

Натиҷаҳои асосӣ ва нуктаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар конференсияҳои ҳарсолаи ҳайати профессорону устодон ва кормандони Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доиргашта ироа гардидаанд. Нуқтаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар якчанд конференсияҳои илмию назариявии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ маърӯза карда шудааст. Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 18 мақола (дар ҳаҷми 7,2 ҷ.ч.), аз инҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

## 8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.

Диссертатсияи Баротов Ҳамзахон Авазович бо сатҳи баланди саҳеҳӣ ва навгонии илмӣ иҷро гардида, барасмиятдарории он ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мутобиқат менамояд. Муаллиф натиҷаҳои тадқиқотро бо истифодаи усулҳои муосири таҳлили иқтисодӣ, моделсозии иқтисодӣ, усулҳои муқоисавӣ, таҳлили омилӣ ва таҳлили равандҳои фаъолияти корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ба даст овардааст, ки ин ба эътимоднокӣ ва саҳеҳии натиҷаҳои тадқиқот мусоидат менамояд.

Истифодаи маълумоти оморӣ, таҳлили таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва байналмилалӣ, инчунин баррасии мушкилоти амалии рушди рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти мусофирбар дар шароити рақамисозии иқтисодиёт нишон медиҳад, ки натиҷаҳои бадастомада асоснок, мантиқӣ ва қобили такрор дар шароити амалӣ мебошанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодаёфта пурра асоснок буда, иртиботи мустақим бо натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот доранд. Ҳамаи хулосаҳо дар асоси таҳлили системавӣ ва муқоисавии маълумоти оморӣ, таҳлили фаъолияти корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар, таҷрибаи коршиносон, инчунин тадқиқоти пешинаи ватанӣ ва хориҷӣ таҳия шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот тавассути истифодаи маҷмӯи усулҳои гуногуни тадқиқотӣ, аз ҷумла таҳлили иқтисодӣ, муқоисаи бозор, арзёбии стратегӣ ва моделсозии системаи идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиётӣ таъмин гардидааст. Пешниҳодҳои пешниҳодшуда хусусияти амалӣ ва воқеӣ дошта, ба баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар, такмили механизмҳои идоракунӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои мусофирбарӣ равона шудаанд.

Дар маҷмӯъ, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия дорои асоснокии назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар қабули қарорҳои идоракунӣ дар сатҳи давлатӣ, минтақавӣ ва фаъолияти соҳибкории хусусӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилии мусофирбар истифодаи васеъ пайдо намоянд.

**9. Мутобиқати автореферат ба муқарраротн асосии диссертатсия**

Автореферати диссертатсияи Баротов Ҳамзахон Авазович дар мавзуи «Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» ба муқарраротн асосии таҳқиқот пурра ва ҳамаҷониба мутобиқат менамояд. Аз нуқтаи назари мундариҷа ва мантиқ автореферат ҳадафу вазифаҳо, навовариҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии кор бо риояи пайдарпаии қатъии мантиқӣ ва услуби илмиро дар бар гирифта аз рӯи мутобиқати соҳавӣ сохтор ва мазмуни кор ба талаботи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (нақлиёт) комилан ҷавобгӯ буда, муҳтавои он моҳияти таҳқиқотро дақиқ ва равшан бозгӯ мекунад. Аз лиҳози асоснокии мавод ҳамаи ҷадвалҳо, расмҳо ва натиҷаҳои таҳлилии дар автореферат овардашуда бо маводи аслӣ ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқати комил доранд. Хулосаи ниҳоӣ дар он аст, ки дар маҷмуъ, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, пешниҳодҳои муаллифро оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои нақлиётӣ дар шароити рақамикунонӣ мувофиқ ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода менамояд.

**10. Камбудиҳои тадқиқоти диссертатсионӣ.**

Бо вуҷуди арзиши баланди илмӣ ва амалӣ доштани диссертатсия, тадқиқи амиқи масъала ва таҳлили ҳамаҷониба дар кишвар, дар ҷараёни кор, як қатор ҷанбаҳо ба назар мерасанд, ки метавонанд бо ислоҳ ё такмил сатҳи тадқиқотро боз ҳам баландтар гардонанд. Камбудиҳои зер дар заминаи методология,

мантиқияти сохтор ва забони илмӣ дида мешаванд ва хосияти муваққатӣ ва ислоҳшаванда доранд:

1. Дар боби якуми диссертатсия - асосҳои назариявию методии баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Ҳамзамон дар коркарди асосҳои методии рақобат ва рақобатпазирӣ саҳми олимони ватанӣ нисбатан маҳдуд инъикос карда шудааст.

2. Дар зербоби 1.2 усулҳои баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар бо формулаҳои зиёд тавсиф дода шудаанд, ки бо мақсади дар амалия истифода гардидани онҳо барои таҳлилгар мушкилоти методӣ эҷод мегардад (саҳ. 36 то саҳ. 44).

3. Дар боби дуюми диссертатсия ҳолати муосир ва таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст, аммо таҳлили омории фаъолияти корхонаҳои хусусии нақлиёти мусофирбар бо таври муфассал инъикос нашудааст.

4. Дар зербоби 3.3 - самтҳои афзалиятноки таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар вилояти Суғд пешниҳод гардидаанд, аммо сарчашмаҳои маблағгузории онҳо ба таври муфассал шарҳ дода нашудаанд.

5. Дар боби сеюми диссертатсия самтҳои асосии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ҳамзамон нақши мақомоти маҳаллӣ дар рақамикунонии нақлиёт таҳлили пурраи худро наёфтааст.

## 11. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия

Дар диссертатсия муаллиф ба омӯзиши ҳамаҷонибаи сохтор ва ҷузъҳои инфрасохтори нақлиётӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ, арзёбии тамоюлҳои рушди бахшҳои алоҳидаи соҳа ва муқоисаи вазъи минтақаҳо диққати ҷиддӣ зоҳир намудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот маҷмӯи мулоҳизаҳои назариявӣ ва хулосаҳои амалие пешниҳод гардидаанд, ки ба талаботи муосири тадқиқоти илмӣ мутобиқат намуда, сатҳи баланди таҳлилӣ доштани кори диссертатсиониро нишон медиҳанд. Бо назардошти афзалиятҳо ва ҷанбаҳои муҳими таҳқиқот, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи мазкур ба ҳалли масъалаи муҳим ва саривақтӣ бахшида шуда, дорои арзиши назариявӣ ва аҳамияти амалии муайян мебошад. Натиҷаҳои бадастомада имконият медиҳанд, ки онҳо ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳия ва татбиқи стратегияҳои давлатии рушди устувори комплекси нақлиётӣ ва таъмини рақобатпазирии он дар соҳаи нақлиёт мавриди истифода қарор гиранд. Сохтори диссертатсия пурра мутобиқ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ буда, ҳар як боб дорои мантиқи дохилӣ, ҳадафҳои мушаххас, таҳлили илмӣ ва натиҷаҳои равшан мебошад. Рӯйхати адабиёт ва манбаъҳои истифодашуда фарогир, муосир ва ба мавзуи таҳқиқот мувофиқанд.

Диссертатсияи Баротов Ҳамзахон Авазович дар мавзуи «Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити

иқтисодиёти рақамӣ (дар маводҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) тадқиқоти пурмазмун, таҳлилӣ ва дорои аҳамияти баланди илмию амалӣ мебошад. Маводи пешниҳодшуда ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

Н.и.и., дотсенти кафедраи ташкили

интиқол ва идора дар нақлиёти ДТТ ба

номи академик М.С. Осимӣ_________**Мирзоева Нисобегим Шоназаршоевна**

**Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10
Телефон: +992 93 523-07-63,
E-mail: nisom@gmail.com
“26” ____01____ соли 2026

**Имзои н.и.и., дотсент Мирзоева Н. Ш. - ро тасдиқ менамоям:**

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ ба номи
академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

**Суроғаи муассиса:**

734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10,
тел. +992 (372) 21-35-11,
E-mail: ttu@ttu.tj
“26” ____01____ соли 2026